**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 -1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Соли 2020 Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ таъкид намуданд, ки Ҳукумати мамлакат тамоми нерӯву қудрати худро бахри ҳифзу ҳимояи мардум аз бухрони ҷаҳонии бавуҷудомада равона кардааст.

Таърихи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа буда, дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, вазъи саломатии ҷомеа ва сабабҳои афзоиш ва пастшавии аҳолиро таҷассум мекунад. Мавзӯи таърихи соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳими таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзӯъ барои пешрафти илми таърих мусоидат мекунад, зеро дар асоси таҳқиқоти мазкур саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯйи кор оварда мешаванд. Таҳқиқоти таърихи соҳаи тибби минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз ҷиҳати хронологӣ давраи ғалабаи солҳои 1924-1991-ро дар бар мегирад.

Муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб борҳо дар навиштаҳои олимону донишмандони ватаниву хориҷӣ таъкид шудааст. Аммо омӯзишу таҳқиқи хоссаи ин мазуъ нишон медиҳад, ки он, асосан, дар шакли мақолаҳову гузоришҳо баён ёфта, дар ин самт то кунун таҳқиқоти ҷудогонае сурат нагирифтааст. Бори аввал таърихи тибби минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳайёти иҷтимоӣ ва иқтисоди мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия-«Таъсисёбии муассисаҳои тиббӣ дар минтакаи Кӯлоб дар солҳои 1924-1960» аз се зербоб иборат аст. Зербоби аввал - «Барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ ва таъсиси аввалини муассисаҳои тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 20-30-уми асри XX» номгузорӣ шудааст ва дар он муаллиф заминаҳо ва шароити бунёдгузории соҳаи тибро инъикос намуда, рушд ва инкишофи онро дар нимаи дуввуми асри гузашта таҳқиқ намудааст. Тиб ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ ба мардум бо максади табобат аз бемориҳо ҳанӯз пеш аз давраи инқилоби Октябр дар байни мардум амал мекард ва бо шифо кардани беморон шахсоне машғул буданд, ки тарзу роҳи табобати баъзе бемориҳоро аз падару модар ва ё аз табибони маҳалии ботаҷриба омухта буданд.

Дар зербоби дуюми боби аввал, ки «Фаъолияти тибби минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945» номгузори шуда фаъолияти табибон ва кормандони соҳаи тиб дар давраи солҳои 1941-1945 инъикос гардид. Муаллиф қаҳрамонии табибони минтақаи Кӯлобро дар ин давра нишон дода, махсусан мубориза онҳоро бо бемориҳои сироятӣ ёдрас мешавад. Дар ин давра аз хатти фронт ба Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон госпиталҳо кучонида шуданд, ки дар онҳо чандин кадрҳои

ҷавон дар табобати ярадорони ҷанг дар баробари олимон ва профессорони соҳаи тиб ҷасурона меҳнат карда, дониши тиббии худро сайқал медоданд. Аз ҳамин ҷиҳат кучонидани госпиталҳо ба Осиёи Миёна ва бахусус ба Тоҷикистон барои рушди соҳаи тиб аҳамияти калон дошт. Дар давоми фаъолияти ин госпиталҳои ҳарбӣ шумораи зиёди кормандони тиб ба воя расиданд ва соҳиби таҷрибаи бойи тибби харбӣ гардиданд. Таърихи тибби ин минтақа ба таърихи муборизаҳо шабоҳат дорад.

Дар зербоби сеюми боби аввал «Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60-уми асри XX» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ибтидои соли 1950 бо дастгирии Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва бо ташаббуси шуъбаҳои тандурустии вилоятӣ ва шаҳрӣ, ки роҳбараш Ю.Ф Лисак буд сохтмони беморхонаи кӯдакона оғоз ёфт.

Чунончи солҳои 50-ум дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод як беморхонаи дорои 15 кат, нуқтаи бемориҳои тропикӣ ва 4 бунгоҳи тиббӣ амал мекард, ки дар онҳо табибон аз Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ омада, фаъолият доштанд.

Табибони ихтисосҳои зарурӣ аз Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин минтақа фиристода шуданд. Соли 1955 дар ноҳияи Восеъ шуъбаи беморони замбуруғӣ (микроспория) (бемориe, ки мавсимиву сироятӣ буда, ҳангоми фарорасии фасли баҳор дар бадан ва сари инсон бештар дар кӯдакон, ба шакли хонаи замбур дар таги пуст ва руи пуст пайдо мешавад) кушода шуд.

Боби дувуми рисола «Сиёсати давлати Шӯравӣ дар таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар солҳои 1970-1991» номгузорӣ шуда, рушди минбаъдаи соҳаи тибро инъикос мекунад.

Дар зербоби аввали боби дуюм – «Сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1950-1991» қайд гардидааст, ки ба тамоми пешравиҳои соҳаи тиб нигоҳ накарда, дар вилояти Кӯлоб мутахассисони соҳаи тиб аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ намерасиданд.

Дар зербоби дувум - «Муборизаи кормандони тиббии минтақаи Кӯлоб бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар Тоҷикистон солҳои 1970-1991"қайд шудааст, ки дар солҳои 70-ум низҳодисаҳои сар задани бемориҳои карантинӣ мушоҳида мешуд. Сабаби сар задани ин бемориҳо асосан дар он буд, ки аз ҳудудиАфғонистон сарчашма гирифта ва тавассути паррандаҳо ва ҳайвонот ба тарафи нохияҳои сарҳадӣ гузашта, дар ин ҷо паҳн мешуд. Чунончи солҳои 1973-1974 дар вилояти Кӯлоб аз он ҷумла дар қишлоқҳои арабҳо ва ғараби ноҳияи Москва ҳодисаи сар задани бемории малярия ба назар расид. Моҳи августи соли 1974 қарори Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон «Оиди пешгирии бемории малярия дар Тоҷикистон» баромад, ки дар он дар назди

шуъбаҳои тандурустии вилоятҳо вазифаи иҷро намудани қоидаҳои санитарию гигиенӣ гузошта шуд.

Дар зербоби сеюми боби дувум - Рушди тиббӣ вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1980-1991 гуфта мешавад, ки дар солҳои 80-ум дар таърихи давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун давраи пешрафту тараққиёти тамоми соҳаҳои ҷомеа ва аз он ҷумла соҳаи тиб дониста мешаванд.

Дар зербоби чоруми боби дувуми рисола - «Саҳми табибони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тиб дар ҶШС Тоҷикистон» қайд мешавад, ки дар давраи Шуравӣва дар замони истиқлолият дар ин минтақа на танҳо масъалаи таъмини соҳаи тандурустӣ бо мутахассисон ҳал гардид, балки аз миёни онҳо олимони варзидаи соҳаи тиб баромаданд, ки дар рушди илми тиб саҳми босазо гузоштанд. Аз нимаи дуввуми солҳои 70-ум қадамҳои аввалини олимони тоҷик ба илми тиббии муосир оғоз гардиданд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Махмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 - 1991)» тибқи банди 53-и низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Доктори илмхои таърих,**
**профессори кафедраи таърихи халқи**
**тоҷики Донишгоҳи давлати Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Абдуллоев М.Х.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,**
**к. С. Сафаров 16.,**
**Тел: 8 (3322) 2-35-06, 2-35-09**
**E-mail info@kgu.tj**

Имзои Абдуллоев М.Х. – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

“28” ноябри 2022 с.